№ 42 (3479)
16-уми октябри
соли 2025,
ПАНҶШАНБЕ

QR-CODE
@ovozisamarqand
OvoziSamarqand
@OvoziSamarqand

*Ватан саҷдагоҳи муқаддас аст!*

# Овози Самарқанд

Оғози нашр: 1-уми январи соли 1990
ISSN 2010-6688
E-mail: ovozi_samarqand@umail.uz
http://www.ovozi.uz

*Эй Самарқанди
азиз, фахрам,
ки фарзанди
туам,
Ту саросар
қанду ман як
пораи қанди
туам.*



## 18-УМИ ОКТЯБР — РӮЗИ ШАҲРИ САМАРҚАНД




Ҳар сол рӯзи 18-уми октябр ҳамчун Рӯзи шаҳри Самарқанд ба таври васеъ ҷашн гирифта мешавад. Ин пешниҳодро Президенти Аввалини Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов 18-уми октябри соли 1996 дар чорабинии бахшида ба 660-умин солгарди таваллуди Амир Темур эълон карда буд ва дар ин рӯз шаҳр бо ордени «Амир Темур» мукофотонида шуд. Самарқанд, ки таърихи сеҳазорсола дорад, яке аз марказҳои илму фарҳанг, ҳунармандӣ ва сайёҳӣ ба шумор меравад.

**Солҳои охир дар Самарқанд бисёр чорабиниҳои бузург, ки мақоми ҷаҳонӣ доранд, гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, рӯзҳои наздик Сессияи 43-юми саранҷумани ЮНЕСКО низ дар шаҳри мо баргузор мегардад.**

## ҚАДРДОНИИ 86 НАФАР НУРОНӢ

**Бо қарори Шӯрои парастории Фонди дастгирии фаъолияти иҷтимоии собиқадорони «Нуроний»-и Ӯзбекистон як гурӯҳ нурониёни Самарқанд, ки солҳои зиёд дар соҳаҳои гуногун софдилона ва пурсамар кор карда, имрӯз ҳам дар корҳои ҷомеа намуна мешаванд, бо нишони сарисинагии «Меҳнат фахрийси»-и дараҷаҳои I, II, III мукофотонида шуданд.**




Дар Самарқанд маросими супоридани ин нишонҳои сарисинагӣ баргузор шуд.

Дар чорабинӣ иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилоят А.Бобоев ва ҷонишини раиси Бунёди ҷумҳуриявии «Нуроний» Шароф Убайдуллаев иштирок намуда, дар бораи таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ нисбати намояндагони насли калонсол, саҳми нуроniён дар рушди иқтисодиёт, истеҳсолот, илм, фарҳанг, таълим, тандурустӣ ва дигар соҳаҳо дар солҳои охир суханронӣ намуданд.

Сипас, ба 86 нафар нуронии фаъол нишонҳои сарисинагии мазкур ва мукофотҳои пулӣ, ки якбора дода мешаванд, супурда шуданд.

— Пиронсолӣ давраи бекорӣ не, давраи пурмасъулият будани онро ҳангоми ба нафақа баромада, ба сафи нуроniён ҳамроҳ шудан, дарк кардам, — гуфт фаъоли нуроniёни маҳаллаи Қӯшҳавзи шаҳри Каттақӯрғон Сабоат Нигматова. — Инсон баробари тай кардани пайраҳаҳои зиндагӣ ва ба воя расидан арзиш ва моҳияти аслии зиндагиро амиқтар дарк мекунад. Аз ин рӯ, имрӯз масъулияти пиронсолон дар таълиму тарбияи насли наврас ниҳоят муҳим аст. Дар ин ҷараён мо ба қадри имкон бо ҷавонони маҳалла кор бурда, онҳоро ба роҳи рост ва таҳсилу касбу кор ҳидоят мекунем. Таҷрибаи кори ман дар сохтори корҳои дохилӣ, соҳаи таълим ва 46 соли корам дар маҳалла ҳоло барои амалӣ намудани ташаббуси «Як нуронӣ — ба даҳ ҷавон масъул» ба кор меояд. Дар сафи нуроniёни вилоятамон эътироф гардидани фаъолиятам, ба ман як шуҷоати хоса бахшид. Акнун мо ҷавонони маҳаллаамонро бо масъулияти боз ҳам бештар сарварӣ карда, барои ободии кишварамон фидокорӣ хоҳем кард.

ӮзА

ФЕСТИВАЛ

## «САХОВАТИ ТАЙЛОҚ» РАМЗИ ФИДОКОРИИ КИШОВАРЗОН АСТ




Б.ҶУМЪАЕВ

Дирӯз дар саҳни бинои Институти илмӣ-тадқиқотии ветеринарии воқеъ дар ноҳияи Тайлоқ фестивали меваю сабзавоти «Саховати Тайлоқ» баргузор гардид. Дар он намояндагони ҳокимияти вилоят, вакилони корхонаҳои коркарди сабзавот, ифтихормандони соҳаи хоҷагии қишлоқ, нуроniёни фаъол, сайёҳони маҳаллиу хориҷӣ ва меҳмонони шаҳру ноҳияҳои дигар иштирок карданд.

Фестивалро бо суханони муқаддимавӣ ҷонишини якуми ҳокими вилоят Шербек Буранов ифтитоҳ намуда, роҷеъ ба заҳмати шабонарӯзии деҳқонону боғдорон сухан ронда, ба корҳои минбаъдаи онҳо муваффақиятҳо таманно намуд.

— Ман як умр дар соҳаи кишоварзӣ кор кардам, — гуфт ҳангоми баромадаи худ, Фахрии меҳнати дараҷаи якум, соҳиби медали «Шуҳрат» ва ордени «Дӯстӣ» Тӯхта Худойназаров. — Барои ташкили чунин як чорабинии бошукӯҳ ба роҳбарони вилояту ноҳия аҳсант мегӯям. Дар сабзаворкориву парвариши боғу токзор ноҳияи мо ҳамеша пешқадам буд ва ҳамин хел ҳам ҳаст. Олимони пурқуввати соҳаи кишоварзӣ ҳам дар ноҳияи мо ба воя расидаанд. Замини мо серҳосил аст. Бинбар ҳамин, ду боғи Амир Темур — Боғи зоғон ва Боғи давлатобод ҳам дар ин ҷо ташкил карда шудаанд. Имрӯзҳо натиҷаҳои фаъолияти деҳқонон, боғдорон ва хоҷагиҳои фермериву деҳқониро дида, хурсанд мешавем. Албатта, мо — нуроniён ҳам дар канор намонда, дар пешравии корҳои онҳо ҳисса мегузорем.

Давомаш 2

Овози Самарқанд
ОБУНА - 2026



ИНДЕКС 419

Шумо тавассути QR-кодҳои мазкур ба рӯзнома обуна шуда метавонед:
Click
Payme
Paynet

ОБУНА ШАВЕД!

Тошпӯлод РАҲМАТУЛЛОЕВ, журналист

*«Рӯзнома агар мақола ва хабарҳои дилнишин надошта бошад, писанди мардум намешавад ва мо фахр мекунем, ки рӯзномаи «Овози Самарқанд» бо мақолаҳои худ ҳамчун рӯзномаи вилоятӣ писанди мардум аст.»*



АНҶУМАН



# ТАЪЛИМИ ДУАЛӢ — КОҲИШИ НОРАСОИИ КАДРҲО

● Ҳасан СУЛАЙМОНӢ

***Дар Самарқанд зимни лоиҳаи «Дастгирии ҷараёни ислоҳот ва модернизатсия дар сохтори таълими касбиву ҳунарии Ӯзбекистон (TexVET)»-и GIZ таҳти мавзӯи «Таълими дуалӣ ояндаи Ӯзбекистонро ташаккул медиҳад» анҷумани байналмилалӣ баргузор гардид.***

Анҷумани мазкур бо ибтикори GIZ GmbH — Ҷамъияти байналмилалии ҳамкории Германия дар ҳамкорӣ бо Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва иттиҳоди «Ӯзтӯқимачиликсаноат» ташкил карда шуд.

Дар он ҷонишини якуми Вазири таълими олӣ, фан ва инноватсияҳо Сардор Раҷабов, ҷонишини Вазири ихтисори камбизоатӣ ва шуғли аҳолӣ Алишер Муратов, роҳбари лоиҳаи Ҷамъияти байналмилалии ҳамкории Германия Маттиас Клингенберг, ҷонишини ҳокими вилояти Самарқанд Ҳусан Тӯхтаев, намояндагони институт ва иттиҳодияҳои бофандагӣ, шарикҳои иҷтимоӣ ва мутахассисони маҳаллӣ, инчунин мутахассисон, ки аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Аврупо ташриф овардаанд, иштирок намуданд.

Дар чорабинӣ натиҷаҳои ниҳоии лоиҳаи чорсолаи TexVET I, ки ба бахши нассоҷӣ нигаронида шудааст ва моҳи декабри соли 2025 ба анҷом мерасад, баррасӣ шуда, оид ба лоиҳаи нави TexVET II, ки бисёр бахшҳоро фаро мегирад ва дар солҳои 2026–2028 амалӣ мегардад, табодули афкор сурат гирифт.

Зикр гардид, ки имрӯз бо назардошти талаботи бозори меҳнат омода кардани кадрҳо дар асоси таълими дуалӣ дар саросари ҷаҳон васеъ истифода мешаванд ва самаранокии баланд доранд. Солҳои охир дар Ӯзбекистон низ аз ин низом барои омода кардани ҷавонон дар муассисаҳои таълимии касбӣ самаранок истифода мебаранд. Лоиҳае, ки аз ҷониби Ҷамъияти байналмилалии ҳамкории Германия амалӣ мегардад, дар ин замина як қадами муҳим буда, қайд карда мешавад, ки он барои расидан ба мақсадҳои стратегияи «Ӯзбекистон — 2030» дар соҳаи таълим мусоидат мекунад.

— Таваҷҷуҳи махсус, ки имрӯз дар Ӯзбекистон ба таълими дуалӣ дода мешавад, дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардида, аз ин рӯ, дар ин бора бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкории қавӣ ба роҳ монда шудааст, — гуфт С.Раҷабов. — Аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо Германия, ки дар соҳаи таълими дуалӣ таҷрибаи ғанӣ дорад, як қатор лоиҳаҳо амалӣ карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки таҷрибаи ин кишварро омӯзем ва низоми таълими касбии худро мувофиқи талаботи замон ба роҳ монем. Ба ин восита сифати таълим баланд ва ҳамкориҳо бо кордиҳандагон мустаҳкам мешавад ва ба омода кардани мутахассисони касбҳои муосир ноил мегардем.

Дар доираи анҷуман маҷлиси умумӣ, семинар, намоишгоҳ ва экскурсияҳо гузаронида шуданд.

БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ

# 459 ХОҶАГИИ ФЕРМЕРӢ МОҲӢ МЕПАРВАРАНД

● Зоҳир ҲАСАНЗОДА

Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев дар маркази омӯзиши хоҷагии фермерии «Оқ амур балиқлари», ки дар ноҳияи Самарқанд ҷойгир аст, бо корҳо роҷеъ ба рушди моҳипарварӣ ва чорводорӣ аз наздик шинос шуд.

Таъкид гардид, ки ҳоло дар вилояти Самарқанд 459 хоҷагиҳои моҳипарварӣ фаъолият дошта, ҳавзҳои парвариши моҳӣ 10 ҳазор гектар заминро ташкил медиҳанд.

Роҳбари вилоят дар вохӯрӣ бо фермерҳо зикр кард, ки моҳипарварӣ низ яке аз ҳафт хазина буда, соҳаи мазкур бояд ривоҷ дода шавад, зеро талаб ба он сол то сол меафзояд.

— Ҷамоати хоҷагии фермерии «Оқ амур балиқлари» на танҳо дар Самарқанд, балки дар Ӯзбекистон пешқадам аст, — гуфт ӯ. — Хоҷагии мазкур ният дорад, ки дар як сол 134 тонна гӯшти парҳезӣ истеҳсол карда, дастархони мардум ва ошхонаву тарабхонаҳои вилоятро таъмин намояд. Инчунин 27 тонна моҳичаҳои навъи гуногунро ба фермерҳои моҳипарварӣ фурӯшад. Масъалаи дигаре, ки ба он низ бояд эътибори хоса зоҳир намоем — чорводорӣ аст. Ҳоло дар вилояти Самарқанд 751 комплексҳои чорводорӣ мавҷуд буда, дар онҳо 1,8 миллион сар чорво парвариш карда мешаванд. Аммо чӣ ҷои руст кардан, ки нархи гӯшт баланд аст. Мақсади мо дар солҳои 2026–2030 ба миқдори 2,5 триллион сӯм маҷмӯъҳои чорводорӣ сохта, аз кишварҳои хориҷӣ 12,5 ҳазор сар чорвои зотҳои ба истеҳсоли гӯшту шир мутобиқшударо харида, се ҳазор нафар шахсро бо ҷои кор таъмин кардан аст.

Дар вохӯрӣ фермерон низ таклифу пешниҳодҳои худро баён карданд.

Ба шахсони масъул вазифаи ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи пешқадам супурда шуд.

# «САХОВАТИ ТАЙЛОҚ» РАМЗИ ФИДОКОРИИ КИШОВАРЗОН АСТ

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Рағбатнокгардонии ғолибон ҳам бо рӯҳияи баланд гузашт. Аз рӯи номинатсияҳо ба роҳбарони корхонаҳои коркарди сабзавот, роҳбарони агрофирмаҳо ва фаъолони соҳаҳои кишоварзиву ёварони онҳо ба таври тантанавӣ тӯҳфаву ташаккурномаҳои ҳокимияти вилояту ноҳия супурда шуд.

Дар байни мукофотгирифтагон роҳбари хоҷагии деҳқонии «Ҳайитбой ота» Фазлиддин Турсунов ҳам буд.

— Дар хоҷагии «Ҳайитбой ота»-и мо 10 нафар деҳқонон кор мекунанд, — гуфт ӯ ҳангоми сӯҳбат. — Дар ихтиёри хоҷагии мо 84 гектар замин мавҷуд аст. Мо дар қитъаҳои замини худ асосан ҷуворимакка, пиёз ва картошка мекорем. Ба туфайли ғайрату меҳнати деҳқонон ҳар сол ҳосили фаровон мегирем. Имсол ҳам ҳамин хел шуд ва ба гирифтани тушаккурнома ва тӯҳфаҳаи қиматбаҳои ҳокимияти ноҳия мушарраф гардидем.

Мо дар ҷараёни фестивал бо нозири фитосанитарии дар ноҳияи Тайлоқбудаи Садорати карантин ва ҳимояи растаниҳои вилояти Самарқанд Алиҷон Халилов вохӯрдем.

— Майдонҳои боғу токзори ноҳияи мо васеъ аст ва қариб ба майдони 2,5 ҳазор гектар сабзавоту картошка парвариш карда мешавад, — гуфт А. Халилов. — Бо деҳқонону боғбонҳо ба таври доимӣ ҳамкорӣ мекунем. Парвариши ниҳоли боғҳову растаниҳои зироати кишоварзиро назорат карда, барои пешгирии бемориҳо ва нест кардани ҳашароти зараррасон маслиҳатҳои зарурӣ медиҳем. Дар натиҷаи чунин ҳамкориҳо ҳосили имсолаи кормандони соҳаи хоҷагии қишлоқ табъи дил шуд. Дар ин бобат махсусан, хоҷагиҳои аграрии «Сиёб Шавкат Орзу», «Акмал Тошпӯлодович», «Худойбердиев Озод Шодиқулович», Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Боғизоғон» ва ғайра ба комёбиҳои калон ноил гардиданд.



Дар фестивал тамошобинону меҳмонони зиёд аз намоишгоҳҳо баҳраманд гардиданд. Дар ин ҷо, инчунин дастовардҳои меваю сабзавоти кишоварзони ноҳияҳои Ургут, Ҷомбой, Булунғур ва Самарқандро низ ба маърази тамошо гузошта буданд.

— Ман аз маҳаллаи Сочаки болои ҳамин ноҳия ҳастам, — гуфт Ҳусния Қаюмова. — Аз тамошои намоишгоҳи фестивали меваю сабзавоти «Саховати Тайлоқ» як ҷаҳон таассурот гирифтам. Худи ман ҳам дар соҳаи кишоварзӣ кор кардаам. Аъзои собиқ хоҷагии ҷамоавии ба номи Киров (ҳоло «Соҳибкор») будам. Он солҳоро бо замони ҳозира муқоиса кардан душвор аст. Ман имрӯз комёбиҳои деҳқону боғбонҳои ноҳияамонро дида, хеле мамнун шудам.

Дар худи ҳамин ҷо барои меҳмонон ва иштирокчиёни фестивал гала-консерт ташкил гардид.

Дар маҷлисгоҳи калони институт бошад, бахшида ба мавзӯъҳои обёрии қатравии замин, хоҷагидории гармхона, биотехнология, барои ба даст овардани ҳосили фаровон офаридани навъҳои нави зироати хоҷагии қишлоқ, роҳандозии системаи мониторинги рақамӣ ва ғайра анҷумани илмӣ-амалӣ гузаронида шуд.

Бояд хотиррасон кард, ки ноҳияи Тайлоқ дорои 27816 гектар замин буда, 12299 гектари онҳо дар соҳаи кишоварзӣ истифода бурда мешаванд. Соли равон дар ноҳия 44,2 ҳазор тонна сабзавот, 70 ҳазор тонна картошка, 17,6 ҳазор тонна мева ва 52 ҳазор тонна ангур истеҳсол карданд. Инчунин, як қисми муайяни ҳосил, ки аз 2618 гектар ангурзор ва 881 гектар боғ гирифта шуданд, коркард карда, 9 ҳазор тоннаашро ба содирот баровwarданд.

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# БАҚАЙДГИРИИ АҲОЛӢ КАЙ САР МЕШАВАД?




● Ҷовид САЛОМАТУЛЛОЕВ

Дар Хонаи матбуоти вилоят масъулони Садорати статистика роҷеъ ба мазмуну моҳият ва аҳамияти фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз 19-уми сентябри соли 2025 «Дар бораи гузаронидани чорабинии ба қайдгирии аҳолӣ ва хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» таҳти рақами ФП-173 анҷумани матбуотӣ баргузор гардид. Дар анҷуман раҳбарият ва ходимони масъули Садорати омор ва намояндагони Садорати вилоятии Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон, котибони матбуоти ҳокимият ва корхонаву ташкилотҳо, инчунин кормандони васоити ахбори оммавӣ иштирок карданд. Дар чорабинӣ асосан оиди мақсаду вазифаҳои ба рӯйхатгирӣ, зинаҳои асосии бақайдгирии аҳолӣ ва хоҷагии қишлоқ, инчунин роҷеъ ба корҳое, ки дар ин самт иҷро мешаванд, маълумот дода шуд.

— Дар Ӯзбекистон аз 15-уми январ то 28-уми феврали соли 2026 чорабинии бақайдгирии аҳолӣ ва хоҷагии қишлоқ баргузор мешавад, ки ҷараёни мазкур дар самти банақшагирии ривоҷёбии стратегии иҷтимоиву иқтисодии кишварамон аҳамияти муҳим дорад — гуфт сарвари шуъбаи Садорати статистика Фирдавс Шукуров. — Ҷараёни ба рӯйхатгирии аҳолӣ дар ду зина гузаронда мешавад. Шаҳрвандон дар давоми 17 рӯзи аввал тавассути шабакаи «census.stat.uz», системаи OneID, ё бо ёрии рақами шахсии идентификатсионии шахси ҷисмонӣ (ӯзб. ЖШШИР) ба таври онлайн аз рӯйхат мегузаранд. Дар зинаи дуюм «Ҳафтгонаи маҳалла» ва дигар намояндагони фаъоли маҳалла дар ҳар як хонадон ба воситаи планшетҳо аҳолиро ба рӯйхати мазкур дохил менамоянд. Тавассути бақайдгирӣ базаи ягонаи маълумотҳои шаҳрвандон аз қабили синну сол, ҳолати оилавӣ, дараҷаи таълим, манбаъҳои даромад ва таъмини шуғл шакл мегиранд.

Ғайр аз ин, роҳбари Садорати статистикаи вилоят Шароф Абдиев таъкид кард, ки дар мамлакат тадбири умумимиллии бақайдгирии аҳолӣ бори аввал соли 1989 баргузор шудааст ва баъд аз он дигар ин гуна чорабиниро ташкил накардаанд.

— Ҳоло шумораи аҳолии кишвар зиёд мешавад, шароитҳои иҷтимоиву иқтисодӣ низ ба дараҷаи назаррас тағйир меёбанд, аз ин сабаб, маълумотҳои нави омориро бояд тартиб диҳем. Зеро ба воситаи ҷараёни мазкур хусусиятҳои демографӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолӣ, дараҷаи фаровонӣ ва зиндагӣ, ҳолати хоҷагии деҳот дар шакли электронӣ тартиб дода мешавад.

Дар поёни анҷуман масъулони соҳа ба саволҳои ходимони васоити ахбори оммавӣ ҷавоб доданд.



# НАМОИШГОҲИ «ТАЪЛИМ ВА КАСБ» ЧӢ ХЕЛ ГУЗАШТ?

Дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим»-и Самарқанд намоишгоҳи байналмилалии «Таълим ва касб» гузаронида шуд, ки барои ҷавонон муҳим аст.

Мақсади асосии намоишгоҳ кумак ба ҷавонон дар интихоби касб, муайян кардани самти таълим, дарёфти ихтисос мувофиқи истеъдод ва завқи онҳост.

Чорабинӣ ба як минбари имкониятҳои нав барои донишҷӯён, довталабон ва мутахассисони ҷавон табдил ёфт.

Дар чорабинӣ намояндагони ҳокимияти вилоят, Агентии кор бо ҷавонон, як қатор ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ иштирок намуданд.

Дар намоишгоҳ баробари муассисаҳои олии пешсафи Ӯзбекистон, беш аз 15 донишгоҳҳои хориҷӣ низ барномаҳои таълимӣ, лоиҳаҳои грантӣ ва имкониятҳои мубодилаи байналмилалии худро ба намоиш гузоштанд.

Дар рафти чорабинӣ барои донишҷӯён ва довталабон гӯшаҳои махсуси машваратӣ ташкил карда шуда, ба онҳо оид ба таълим, забономӯзӣ, таҳсил дар хориҷа ва касбҳои замонавӣ маълумоти муфассал дода шуданд.

⊙ *Хидмати ахбори ҳокимияти вилоят.*

TELEGRAM YOU TUBE SITE FACEBOOK

Овози Самарқанд

№ 42 (3479)

16-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2025, ПАНҶШАНБЕ



# ДАР ЯК САФ БАРОБАРИ ҲАМА



● **М.ҶУМЪАЗОДА**

Дар мамлакати мо тамоми шаҳрвандон баробарҳуқуқанд. Онҳое ҳам, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ ноқисӣ ва ногирой доранд, маъюбон ҳам ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи ҷамъият ба пешрафти некӯаҳволии халқ ва тараққиёти мамлакат ҳиссаи худро мегузоранд. Нобиноён ҳам аз ин истисно нестанд. Дар вилоят шумораи умумии онҳо бештар аз 13 ҳазор нафарро ташкил мекунад.

Раиси шуъбаи вилоятии Ҷамъияти нобиноёни Ҷумҳурии Ӯзбекистон Зойир Оқбӯттаев аз соли 2017 дар ин вазифа кор мекунад.

— Шуъбаи вилоятии Ҷамъияти ихтиёрии нобиноёни Ӯзбекистон 2691 нафар аъзо дорад. Дар тамоми 16 шаҳру ноҳия бахшҳои шуъбаи мо амал мекунанд. Дар давоми моҳҳои январ-августи соли равон аз ҷониби мо ва бахшҳои шаҳриву ноҳиявӣ бахшида ба санаҳои муҳими таърихӣ, иду ҷашнвораҳо 96 маротиба чорабиниҳои гуногуни маънавию маърифатӣ гузаронида шуданд. Аъзои ҷамъият ҳамчун шаҳрвандони баробарҳуқуқи ҷомеа дар озмуну мусобиқаҳо иштирок мекунанд. Бахшида ба Рӯзи хотира ва қадршиносӣ озмуни шеърхонӣ ташкил карда шуд. Дар он 8 нафар аъзои ҷамъияти мо иштирок карда, бисёриҳоро қоил намуданд. Дар мусобиқаи саводхонии компутерӣ 4 нафар иштирок карданд. 60 нафар дар мусобиқаи шашкаву шоҳмот қувваю маҳорати худро намоиш доданд. Аз ҳисоби аъзои ҷамъиятҳои шаҳру ноҳияҳо 480 нафар чашмоҷизон ба саёҳати мамлакатамон баромада, осорхона, ҷойҳои таърихӣ, зиёратгоҳ, қадамҷойҳои ниёгони бузургамон ва хиёбону гулгаштҳоро тамошо карда омаданд.

Дар ҷамъият ҳар одам бояд дар ягон ҷо кор карда, барои зиндагонии худ манбаи даромаде дошта бошад. Нобиноёни вилоят дар панҷ корхонае, ки дар назди ҷамъият ташкил карда шудааст, меҳнат мекунанд. Дар ин коргоҳҳо ҷиҳозҳои мулоим ва мебелҳои гуногун истеҳсол карда мешаванд. Аз ҳисоби ҷамъияти чашмоҷизони мамлакат дар вилоятамон боз 4 корхона амал мекунанд, ки коргарони асосии онҳо нобиноён мебошанд.

Мувофиқи қонуни табиат ягон узви одам аз кор барояд ва ё вазифаҳояшро дуруст иҷро накунад, узвҳои дигараш бақувват мешаванд. Нобино ва ё одамони чашмонашон оҷиз қувваи ҳофизаи хуб ва дар соҳаҳои дӯстдоштаи худ истеъдоди баланд доранд. Масалан, ҳоло 319 нафар аъзои ҷамъият маълумоти олӣ доранд. Инчунин, дар байни онҳо қариб 30 нафар эҷодкорон ҳастанд. Баъзеи онҳо китобҳои худро чоп кардаанд. Ҳофизони ба назар намоёни ҷамъият Фарҳод Ҳалимов, Зоҳид Салимов, Нодир Қӯшимов, Ғайрат Рустамов ва дигарон дар чорабиниҳо иштирок карда, ба ҷамъомадҳо ҳусну таровати тоза мебахшанд. Инчунин, тӯю базмҳоро «метафсонанд».

— Барои баланд гаштани маънавияту маърифати шахсони нобино шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд, — гуфт ҳангоми сӯҳбат сармутахассиси ҷамъият Гулноза Ашӯрова. — Аввало, барои фарзандонамон мактаб-интернати махсуси рақами 59 «Нурли маскан» мавҷуд аст. Дар он ҳоло 247 нафар бачаҳо таълиму тарбия мегиранд. Бо алифбои махсуси Брайл хондану навиштанро ёд мегиранд. Маҷаллаи махсуси нобиноён «Бир сафда» («Дар як саф») дар ҳар ду моҳ як маротиба чоп мешавад. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 18 адад китобхона фаъолият доранд, ки чашмоҷизон аз хазинаи онҳо бемалол истифода мебаранд. Дар коллеҷу омӯзишгоҳ ва мактабҳои олӣ ҷавонони мо мисли дигар донишҷӯён таълиму тарбия мегиранд ва ё касбу ҳунар меомӯзанд. Умед мекунем, ки дар оянда сафи маълумоти олидор ва ҳунармандони моҳир зиёд мешаванд.

— Аввали моҳи июн иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилоят Адиз Бобоев дар қабули сайёр арзу муроҷиатҳои нобиноёнро ҳам шунид. Аъзои ҷамъияти шумо ва умуман нобиноён бо чӣ гуна муаммоҳо ба ҳокими вилоят муроҷиат карданд? — пурсидем аз раиси Ҷамъияти нобиноёни вилоят Зойир Оқбӯттаев.

Ӯ чунин ҷавоб дод:

— Дар қабули сайёр аз тамоми гӯшаву канори вилоят қариб 100 нафар нобиноён ҳам иштирок доштанд. Онҳо асосан масъалаҳои таъмин бо хонаву ҷой, маблағ барои чорабиниҳои маҳалливу вилоятии ҷамъият, дастгирии моддӣ барои табобат, роҳхат барои дамгирӣ дар курорту санаторияҳо, ёрии моддиву маънавӣ ва ғайраро ба миён гузоштанд. То ҳол қариб 70 дарсади онҳо иҷро шуданд. Мо ният дорем, ки дар оянда барои аъзоёни ҷамъият як маскани дамгирӣ низ бунёд кунем.

ТАЪЛИМ

# ИНКИШОФИ ЭҶОДКОРӢ ДАР БАЧАҲО

● **З.СОЛИЕВА**,
*устоди калони Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд*



Синни мактабӣ даври муҳимест, ки дар он тафаккур, рафтор ва неруи эҷодии кӯдак ташаккул меёбад. Дар ин давр тарзу услуби дарки олами онҳо васеъ ва тасаввуроташон гуногун мешавад. Дар ин лаҳзаҳо маҳорати омӯзгор, дастгирии падару модарон ва ташкили босифати муҳити таълим омили асосии рӯ задани креативии кӯдакон мегардад.

Эҷодкорӣ (креативӣ) на танҳо истеъдоди бадеист, ин санъати аз ҷиҳати нав дида баромадани масъала, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли гуногун ва самаранок татбиқ намудани онҳо мебошад. Он тавассути таъсири мутақобилаи ҷараёнҳои маърифатӣ, эҳсосот ва муҳити иҷтимоӣ инкишоф меёбад. Вақте ки кӯдак дар мактаб таҷриба мегирад, дар ӯ озодии фикр ва мустақилӣ инкишоф меёбад. Маҳз дар ҳамин давр эҷодкориро дастгирӣ кардан лозим аст. Принсипҳои асосии рушди креативии кӯдакон дастгирии кунҷковии табиии кӯдак, ҳавасманд кардани онҳо ба баёни озодона, қабул кардани хатоҳо ҳамчун имконияти омӯхтани онҳо ва на ин, ки ҷазо додан, баҳо додан ба ҷараён, на ба натиҷа, балки додани афзалият ба тарзи эҷодии кор, тарғиби равиши байнисоҳавӣ тавассути омезиши илм ва санъат, таъмини муносибати инфиродӣ бо дарназардошти хусусият ва рушди ҳар як кӯдак мебошад.

Дар инкишофи креативӣ дар бачаҳои синни мактабӣ нақши муаллимон ва падару модарон калон аст. Муаллим роҳнамо, илҳомбахш ва созмондиҳандаи муҳити зист аст. Ӯ бояд бо саволҳо роҳнамоӣ кунад ва муҳити кушод ва дастгирикунанда офарад. Ба падару модарон муҳим аст, ки бачаро бо маводҳо, китобҳо таъмин намуда, барои ӯ экскурсияву таҷрибаҳои амалӣ гузаранд ва ба ин восита бачаро ҳавасманд намоянд.

Креативӣ дар синни мактабӣ ҳолати бефоида ва ноустувор нест, балки истеъдодест, ки онро бодиққат парвариш карда, ба камол расонидан мумкин аст. Тавассути муҳити эҷодӣ ва бехатар, қадр кардани ҷараён ва тарбияи бомасъулият фикру андешаҳои бача кушода шуда, дар паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт ба натиҷаҳои амалӣ табдил меёбанд. Ҷараёни таълиму тарбия мутамарказ карда шавад, ҳар як бача овози эҷодии худро пайдо ва барои оянда талош мекунад.

АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

# МЕҲРГОН — ҶАШНИ ДӮСТӢ

**Ҷашни Меҳргон яке аз ҷашнҳои қадима буда, дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ пайдоиши он ба шоҳаншоҳҳои давраи асотирӣ ва пешдодӣ дар робита бо пайдошавӣ ва рушду нумуи кишоварзӣ ва барқароркунии тақвими кишоварзӣ нисбат дода мешавад. Бузургон дар бораи меҳргон:**

**Малико! Ҷашни Меҳргон омад,**
**Ҷашни шоҳону хусравон омад.**
**Хаз ба ҷои мулҳаму хиргоҳ,**
**Бадали боғу бӯстон омад...**
**Ту ҷавонмарду давлати ту ҷавон,**
**Май ба бахти ту ҷавон омад.**

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Ба рӯзи хуҷаста сари меҳрмоҳ**
**Ба сар барниҳад он каёнӣ кулоҳ.**
**Замона беандӯҳ гашт аз бадӣ,**
**Гирифтанд ҳар як раҳи эзадӣ.**

Абулқосим Фирдавсӣ

**Эй амири меҳрубон, ин Меҳргон хуррам гузор,**
**Фарру фармони Фаридун варз бо фарҳангу ҳанг.**

Манучеҳрии Домғонӣ

**Рӯзи меҳру моҳи меҳру ҷашни фаррух Меҳргон,**
**Меҳр биафзо, эй нигар, меҳри чеҳри меҳрубон.**

Масъуди Саъди Салмон

**Аз сабо пайғоми ҷон ояд ҳаме,**
**Меҳргони меҳрбон ояд ҳаме.**
**Бо ҳазорон каф Фаридуни чанор**
**Зарфишон дар бӯстон ояд ҳаме.**
**Бод бол аз барги гул бикшодааст,**
**Чун ҳумои парфишон ояд ҳаме.**
**Мечакад хун аз ду рухсори анор,**
**Лаъли дандонаш аён ояд ҳаме...**
**Рафт моҳи тиру омад моҳи меҳр,**
**Меҳр бе тиру камон ояд ҳаме.**

Рустами Ваҳҳоб

⊙ Таҳияи
**Толиб ЮНУСЗОДА**

ЭЪТИРОФ

# УСТОДЕ, КИ МАЙЛИ ШОГИРДОНРО ДАРК НАМУД

● **Тошқул АЗИМОВ**

***— Аз рӯзҳои аввали фаъолият дар мактаб-интернати бачаҳои ба таълими алоҳида эҳтиёҷдошта ихтисосонидаи рақами 61-уми шаҳри Самарқанд маро саволи «наход омили онҳоро ба таълим бештар ҷалб ва дилгарм кардан набошад», ором намегузошт, — гуфт омӯзгори маҳфили санъати тасвирӣ ва фанни нақшакашии мактаб интернати мазкур Раҳматулло Хушматов ҳангоми суҳбат бо мо. — Сипас фаҳмидам, ки дар онҳо моилӣ ба эҷод, кор, санъати тасвирӣ бисёр будааст.***



Р.Хушматов пас аз хатми мактаб шӯъбаи санъати тасвирии Омӯзишгоҳи педагогии Каттақӯрғонро хатм намуд. Сипас омӯзгори мактаби таълими умумии рақами 6-и ноҳияи Нарпай буд. Баробари пеш бурдани фаъолияти педагогӣ соли 1980 ба факултети графикаи бадеии Донишкадаи давлати педагогии Тошканд дохил шуда, онро соли 1985 бо муваффақият хатм кард. Дар ҷараёни таълим аз устодоне чун Рассоми халқии Ӯзбекистон Малик Набиев таълим гирифт. Бо тақозои қисмат аз соли 1999 фаъолияти педагогии худро дар мактаб-интернат идома дод. Дар оғози кор мутахассисон роҷеъ ба сурдопедагогика ва дефектология кам буданд ва ба бачаҳои гӯшашон кар ва шунавоиашон заиф дарс додан осон набуд. Р.Хушматов бо маслиҳати омӯзгорони соҳибтаҷриба аз китобхонаҳо адабиётҳои махсусро гирифта, забони бо имову ишора гуфтугӯ карданро омӯхт. Бо гузашти солҳо дар курсҳои такмили ихтисос таҷриба андӯхт ва методикаи таълими бо имову ишораро азхуд кард.

Имсол ба оғози фаъолияти омӯзгории Раҳматилло Хушматов 47 сол шуд. 26 соли он бо бачаҳое, ки ба таълиму тарбия эҳтиёҷи алоҳида доранд, вобаста аст ва дар ин самт соҳиби таҷрибаи калон шуду ҳоло яке аз мутахассисони пешсафи соҳа ба шумор меравад. Аввал чун тарбиячӣ, сипас омӯзгори фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, солҳои 2003–2021 ҷонишини директори мактаб-интернат роҷеъ ба корҳои маънавӣ ва маърифатӣ буд.

Душвор будани касби омӯзгорӣ ба аксарияти мо чун аксиома аён мебошад. Вале аз сӯҳбат бо устод маълум гардид, ки усули кор бо бачаҳои ба таълими алоҳида эҳтиёҷманд, аз донишомӯзони мактабҳои таълими умумӣ тафовут дорад. Мақсади асосии омӯзгорони мактаб-интернат на танҳо додани таълиму тарбия ба шогирдон, балки узви баробарҳуқуқи ҷомеа будани худро ҳис намудани онҳо низ будааст. Донишомӯзони мактаб-интернат низ имкониятҳои хуби гирифтани таълиму тарбия доранд, вале ба онҳо бояд бештар эътибор дод, то ки дар ҷомеа ҷои худро ёбанд ва хушбахт шаванд.

Раҳматулло Хушматов дар солҳои сипаришуда бо чунин ниятҳои нек фаъолияти омӯзгорӣ пеш бурд. Натиҷааш низ хеле хуб шуд. Маҳфили санъати тасвирӣ, ки дар оғози фаъолияти худ ташкил кард, тӯли ин солҳо ба студияи санъати тасвирии «Пайравони Камолиддин Беҳзод» табдил ёфт. Дар ин кор машварат бо мутахассисон, кормандони тиб ва падару модарон хеле муҳим аст. Аз ҳама беш масъулияти ба зиммаи худ гирифтаро бояд хуб фаҳмид.

Натиҷаи чунин заҳматҳои бисёрсола шуд, ки аз байни шогирдони устод аксарият касби дӯстдоштаи худ, соҳиби маълумоти олӣ шудаанд ва дар ҷамъият ҷои худро ёфтаанд.

Ҳоло панҷ нафар шогирдони ӯ дар факултети санъати тасвирӣ ва графикаи муҳандисии Донишкадаи педагогии Самарқанд таълим мегиранд. Яке аз онҳо Озодбек Раҳматов соли 2023 дар озмуни «Ҷилои рангҳо»-и Вазорати маданияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷои аввал гирифт. Дар соли 2021 Шаҳбоз Раҷабов ғолиби ин озмун шуда буд. Донишҷӯи курси якуми факултети мазкур ба рӯйхати ТОП-100 нафар донишҷӯёни боистеъдод ва креативи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил шуд ва намунаҳои асарҳои вайро ба шакли алманах чоп карданд. Боз як шогирди устод — Нозима Бобомуродова дар озмуни намоиши асарҳои эҷодии рассомони ҷавон, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ҷои саввумро гирифт ва сазовори сипосномаи Вазорати фарҳанг ва Иттифоқи рассомони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мукофотҳои хотиравӣ шуд. Чунин муваффақиятҳои шогирдони устод Раҳматулло Хушматов ва фаъолияти қариб нимасраинаи вайро ба эътибор гирифта, бо нишонҳои сарисинагии «Аълочии таълими халқ» ва «Фидоии таълими халқ» қадр намуда буданд. Имсол дар арафаи Рӯзи муаллимон ва мураббиён Раҳматулло Хушматов бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо ордени «Меҳнат шуҳрати» мукофотонида шуд. Вақте ки ӯро бо чунин дастовард табрик намудем, устоди донишманд бо хоксории ба худ хос гуфт:

— Фаъолияти бисёрсолаи омӯзгории маро лоиқи чунин мукофоти баланд донистанашонро дида, фикр кардам, ки ба ҳар ҳол умри худро беҳуда нагузаронда будаам. Вақте ҳамкорону шогирдон ва пайвандону наздикон маро бо чунин мукофоти арзишманд табрик мекарданд, гуфтам, ки он ба шумоён низ дахл дорад. Чунки бе дастгириву ғамхориҳои шумо ба чунин муваффақият расидан хеле душвор буд.

Ин мукофот ба ман қувваю илҳоми нав бахшид ва ман масъулияти вазифаи ба зиммаам гузоштаро беш аз пеш дарк намуда, онро сарбаландона иҷро хоҳам кард.

ЭЪЛОНҲО ЭЪЛОНЛАР ОБЪЯВЕНИЯ

Самарқанд шаҳрида хусусий амалиёт билан шуғулланувчи нотариус Қўшатов Акбар Рустамович идорасида марҳум Латыпов Хабибга (1994 йил 16 апрелда вафот этган) қарашли мол-мулк учун мерос иши очилмоқда. Шу муносабат билан меросхўрлар Қўшатов Акбар Рустамович нотариал идорасига мурожаат этишларини сўраймиз.

Манзил: Самарқанд шаҳри, Б.И.Йўли, 67-уй.

**ТОПГАНГА МУКОФОТ!**

Фуқаро Турсунова Нигина Холмонкуловна номига 21.02.2023 йилда Самарқанд тумани ИИБ томонидан берилган фуқаролик паспорти (ID CARD) Самарқанд шаҳри ҳудудида тушуриб қолдирилган.

Ушбу ҳужжатни топганлардан мукофот эвазига қайтаришларини сўраймиз.

**Телефон: (93) 340-15-46**




ПАЖӮҲИШ

# Ҷашнандозе ба рубоиҳои ҷавобия

Фозили ШУКУРӢ

Ҷавобгӯӣ, ҷавобия, ё худ муҷобот дар таърихи адабиёти тоҷик чун яке аз намудҳои маъмултарини қуввасанҷии суханварон барои фаҳмидани дараҷаи маҳорати онҳо васеъ истифода шудааст. Дар асрҳои миёна, ба хусус дар шаҳрҳо маҳфилҳои зиёди адабӣ арзи вуҷуд кардаанд, ки дар онҳо аҳли адаб ва суханварони номӣ гирдиҳам омада, аз дастовардҳои ҳамқаламон баҳра бурдаанд ва гоҳо барои намоён сохтани тавоноӣ ва бартарии худ, дигаронро ба мушоира даъват намудаанд. Муаллифони сарчашмаҳои қадимӣ низ дар асарҳои худ намунаҳои чунин баҳсҳои ҷолиброзикр карда гузаштаанд ва дар қолаби рубоӣ баён гардидани ҳиссае аз онҳо қобили тазаккур аст.

Нақл мекунанд, ки боре дар маҷлиси яке аз шоҳзодагони темурӣ, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Камолиддин Биноӣ ҳузур доштаанд, сухан аз ҳозирҷавобӣ ва бадеҳагӯӣ мерафт. Шоҳзодаи темурӣ хост, ки ин ду танро дар фанни шоирӣ имтиҳон кунад. Ӯ ба Ҷомӣ хитобан гуфт:

— Мехоҳам ин чаҳор чиз: чароғ, ғирбол, нардбон ва турунҷ дар як чанд мисраъ шеър ғунҷонда шавад. Ҷомӣ дар ҷавоб бадоҳатан ин рубоиро суруд:

**Эй гашта чароғи давлатат бадри мунир,**
**Ғирбол шавад синаи аъдо-т ба тир.**
**Бар паллаи нардбони ҳиммат нех пой,**
**В-аз авҷи фалак турунҷи давлат баргир.**

Шоҳзода пас аз шунидани ин рубоӣ ба Биноӣ рӯ оварда, аз ӯ хост, ки ин чаҳор чиз: манқал, тос, «Шарҳи Шамсия» ва кулоҳро дар шеъре ҷой диҳад. Биноӣ низ фавран ин рубоиро иншо намуд:

**Чун манқал агарчи дуди оҳе дорем,**
**Бар тоси фалак на коргоҳе дорем.**
**Бо мо сухане зи «Шарҳи Шамсия» магӯ,**
**Мо низ аз ин намад кулоҳе дорем.**

Чунин ҳозирҷавобию сухандонии шуаро боис шуда буд, ки қадри шеъру шоир мақоми хеле баландро соҳиб гашт. Мувофиқи нақли тазкираҳо, мушоираи дигари аҷиб бо шоири маъруф Ҳашмати Шерозӣ низ рух додааст. Чунончи, ӯ рӯзе дар маҷлиси табъозмоии адибон иштирок дошт. Дар маҳфил чаҳор калимаи зерин: айнак, пунба, сабҳа, май дар миён гузошта шуда, ҳозирин қарор доданд, ки бо истифодаи ин калимаҳо муддаиён яктоӣ рубоӣ гӯянд. Яке аз шоирон гуфт:

**Дӯш аз пайи дидани маҳ ин моҳи тамом,**
**Бар чашм ниҳод айнаку рафт ба бом.**
**Маҳ диду фиканд сабҳаву гуфт маро:**
**Кан пунба зи минои маю рез ба ҷом.**

Шоир Ҳашмат ҳам филбадеҳа ин рубоиро гуфт:

**Мӯйи сияҳам чу пунба гардид сафед,**
**Аз заъфи басар ба айнакам кор кашид.**
**Паймонаи май ба дигарон арзонӣ,**
**Аз сабҳаву саҷҷода кунам гуфту шунид.**

Чунин баҳсҳои адабӣ, ки ба як навъ мусобиқаи шоирона табдил ёфта буд, гоҳо барои кашфи истеъдодҳои нодир ё худ барқарор кардани ҳаққонияти мақоми шоир низ нақши асосӣ доштааст. Масалан, баъд аз он, ки ба Муҳаммадтақии Баҳор рӯй дода буд. Падари ӯ Мирзо Муҳаммадкозими Сабурӣ низ шоири машҳур буда, ба унвони баланди «Маликушшуаро» соҳиб шуда буд. Вақте ки соли 1904 ӯ вафот кард, бо фармоиши Музаффариддиншоҳи Қоҷор ин унвонро ба Баҳор вогузор намуданд. Дар натиҷа, иддае аз афроди ҳасуд аз ин норозӣ шуда, даъво карданд, ки ӯ унвони мазкурро ба туфайли обрӯи падараш соҳиб шудааст ва тақозо карданд, ки барои собит кардани унвон дар назди ҳайъати махсус бояд аз имтиҳон гузарад. Чунин ҳайъатеро низ доир карданд ва ба шоир дастур доданд, ки аз чаҳор калимаи тамоман ба ҳамдигар иртиботи мантиқӣ надошта: тасбеҳ, чароғ, намак, чанор рубоие сарояд. Баҳор низ фавран ҷавоб дод:



**Бо хирқаву тасбеҳ маро дид чу ёр,**
**Гуфто: зи чароғи зуҳд н-ояд анвор.**
**Кас шаҳд надидааст дар кони намак,**
**Кас мева начидааст аз шохи чанор.**

Бо вуҷуди ҷавоби муносиби шоир, аъзои ҳайъат инро як ҳодисаи тасодуфӣ шумориданд ва аз ӯ боз дархост карданд, ки аз чаҳор калимаи дигар: хурӯс, ангур, дарафш, сабӯс рубоии дигаре гӯяд. Баҳор бадоҳатан ҷавоб дод:

**Бархост хурӯси субҳ, бархез, эй дӯст,**
**Хуни дили ангур фикан бар рагу пӯст.**
**Ишқи ману ту қиссаи мушт асту дарафш,**
**Ҷаври туву дил қиссаи санг асту сабӯст.**

Аъзои ҳайъат ва ҳозирин ба истеъдоди фавқулоддаи ӯ ва ба қобилияти фитрияш тан додаанд.

Дар ҳама давру замон баҳсу мушоираҳои адабӣ, ки холисона баргузор шудаанд, барои муайян кардани дараҷаи маҳорати суханвар ва сараро аз сақат ҷудо кардан аҳамияти муҳим доштаасту дорад ва аз ҷониби ноқидони сухан мавриди пажӯҳишоти алоҳида қарор додани он аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

## МУБОРАК ШАВАД!



**Устод Тоғаймурод Шомуродов 16-уми октябри соли 1945 дар маҳаллаи Ҷағалбойлии ноҳияи Пастдарғам таваллуд шудааст. Солҳо чун котиби масъули рӯзномаи «Ҳақиқати Пастдарғам», мухбир, муҳаррири шӯъба, котиби масъул, ҷонишини муҳаррир ва мураббӣ-мухбири рӯзномаи «Зарафшон» фаъолият пеш бурд.**

**Бо ордени «Дӯстлик» мукофотонида шудааст. Муаллифи китобҳои «Ҳузури ҷон», «Одаме, ки аз занаш наметарсад», «Фарзанди замин», «Рӯзе, ки осмон фурӯ рафт» ва «Чашмҳои ҳузнангез» аст.**

**Устодро бо ҷашни 80-солагӣ муборакбод намуда, саломатӣ ва умри пурбаракот орзумандем.**

«Овозиён»

## ТУФЛӢ

Ҳаҷвия

— Муборак шавад! — Назир ба туфлии наппа-нави дар пойҳои ҳамкасби худ Олимтой буда ишора кард, ки ба хона даромада буд.

— Ташаккур дӯсти азиз, дирӯз харидам. Мустаҳкам ва зебо будааст... аз они хориҷа.

— Нархаш ҳам «зебо» будагист, — хандид Назир.

— Ҳа, ба худаш муносиб, ҳоло чизи арзон намонд, базӯр ба панҷсад ҳазор сӯм фароварда гирифтам, — Олимтой таъриф кард. — Вале ҳамсарам «кай савдоро ёд мегиред», гуфта хуб гап зад. Маҳ, ба худат ягон чиз мегирӣ, гуфта 200 ҳазор сӯм додаму бо илоҷе овозашро бастам.

Қамар, ки аз коғаз сар набардошта кор мекард, гапи онҳоро шунида, ручкаро «таққӣ» карда, ба рӯи миз партофт ва ба пои Олимтой чашм давонд.

— Ҳа, диди ту бад не, дар ҳақиқат ҳам зебо будааст, ҷӯра. — Вай зимнан ба Назир чашмак зад.

— Албатта! — Назир вайро дастгирӣ кард. — Ман ресторанеро медонам, ки ба қарибӣ кушода шуд. Таомҳояш хеле зӯр. Нӯшокиҳои хориҷӣ дорад, маза мекунед.

— Мумкин қимат бошад, — гуфт Олимтой андешамандона. Вай намехост, ки ҳамкасбонаш аз болояш зиқна гуфта ханданд.

— Чӣ, қимат бошад, нархи асп ё ки шутур мешуд? — суст наомад Қамар.

Ресторан дар ҳақиқат шинам будааст. Ҷавонон хеле хушнуд шуданд.

Пас аз нӯшидани ду-се қадаҳ нӯшокӣ қулфи дили Олимтой кушода шуд ва ҳимматаш гирифта, коняку пиво низ фармуд.

— Ҳамин корро бекор карди-дия, бе ҳамон ҳам кайф карда нишастаем, — гуфт Назир. — Бо арақ омехта шавад, расво мегардад.

— Ие, чӣ, мо нозанинҳои нозук ҳастем, ки худро гум мекунем? — гуфт Қамар. — Олимтой, биё дӯстам, аз пешонаат бӯсам, ту ҷавонмарди зур-дия.

Баъди гузаштани хеле вақт улфатҳояш Олимтойро, ки хобаш бурда буд, аз мошин кашола карда фароварданду ба хонааш дароварда монданд.

— Вой ман намурам, ин чӣ хел шармандагӣ? — Хайрия костуми гиребонаш яктараф рафтаи шавҳарашро кашида, бо амале ба ҷояш хобонд.

Олимтой ҳеҷ гоҳ дар назди бачаҳояш чунин ноҳинҷор нашуда буд. Пагоҳӣ аз нигоҳ кардан ба чашми онҳо шарм дошта, нонуштаро ҳам нахӯрда, ба кор рафтани шуд. Сараш аз дард гӯё «торс» мекафид. Калавида, туфлиашро пӯшиданӣ шуд, ки як пояш нест. Кофту наёфт.

— Занак, як пои туфлиро надидӣ?..

— Шумо медонед, ман аз куҷо донам? Балки ҳамроҳи арақ онро низ нӯшидаед? — бо пичинг гуфт Хайрия, ки чой дам мекард. — Илоҳо хонаи арақро бароварда сӯзад-э!

Олимтой туфлии кӯҳнаашро пӯшида ба кор рафт.

«Аф-сӯс, туфлӣ!» Вай раҳораҳ ба ресторан даромад.

— Ие, ассалому алейкум ака, биёед, дирӯз нишаст хуб шуд? — ҷавони пешхизмат бо чеҳраи кушод пешвоз гирифт. — Ака, саратон дард мекунад? Ҳоло «садто» нӯшед, калла ба ҷояш меояд.

— Не, наменӯшам! — гуфт Олимтой сурх шуда. — Дирӯз мабодо як пои туфлиамро афтонда намондаам?

— Эъ, ҳа, ҳозир, — пешхизмат аз дарун як пои туфлиро баровард. — Дирӯз кайфатон саҳл баланд буд, шариконатон ҳангоми кашола карда, ба мошин шинондан, афтида мондааст, ҳамин-мӣ?

— Ҳа, ташаккур, — Олимтой туфлиро гирифт.

Вай аз кор андаке мамнун баргашт:

— Занак, моли ҳалол гум намешудааст. Мана, як пои туфлии гумшуда, дирӯз дар назди ресторан афтода будааст!

— Вой, дадеш, ҷаҳлам наомада, ман мурам, — гуфт Хайрия чапак зада. — Акнун як пойи туфлӣ чиба даркор гуфта, дар танӯр сӯхтам...

— Чӣ? — дасту пои Олимтой суст шуда, ба як пой туфлии дар дасташ буда, бо ҳайрат нигоҳ карда монд.

Аз забони ӯзбекӣ тарҷумаи **Т.АЗИМОВ**

## ВАҚТЕ КИ АҚЛ ОЗОД АСТ...

Даурен МУСО

Генри Форд корчаллони муваффақ ва машҳур буд, ки ба кормандон маошҳои дар бозори меҳнат аз ҳама баландтаринро медод.

Боре журналисте аз вай пурсид:

– Ту ба кӣ маоши аз ҳама беш медиҳӣ?

Форд табассум намуд ва ӯро ба сехи истеҳсолии бузург таклиф кард. Дар ҳама ҷои сех ҳаракат ҳукмрон буд: коргарон медавиданд, зангӯлаҳо садо медоданд, лифтҳо кор мекарданд. Ҳамаи ин монанди деги ҷӯшон буду меҷӯшид ва дар мобайни ҳамаи ин бесомониҳо як хоначаи шишагии хурде меистод. Дар он марде дар курсии роҳат пойҳояшро ба рӯи миз партофта, рӯяшро бо шляпа пӯшида менишаст.

Форд дарро тиқ-тиқ зада, даромад.

Мард шляпаро аз рӯяш гирифт ва чун одами хеле мондашуда пурсид:

– Салом Генри, ту хуб ҳастӣ?

– Ташаккур Ҷо, ҳамааш хуб.

Форд табассум карду баромад ва дарро пӯшид. Журналист бо ҳайрат пурсид:

– Ин кӣ?

Форд аз таҳти дил хандид:

– Ин одаме, ки ман ба ӯ маоши дар компания аз ҳама калон таъйин кардаам.

Журналист бовар накард:

– Вай чӣ кор мекунад?

– Ҳеҷ чиз. Вай оддиякак меояд, мешинад... ва фикр мекунад.

Форд фаҳмонд:

– Ман ӯро ба кор гирифтам, то ки ғояҳои навро ёбад. Аксарияти система, лоиҳа ва дизайни автомобилҳои мо ин ҳама коркардҳои ӯст. Меояд, нафас рост карда, фикр мекунад, ғояи навро меёбад ва ба ман медиҳад. Ман онҳоро амалӣ намуда, миллионҳо фоида мегирам. Дар дунё аз ҳама чизи арзишманд – ин ғояҳо. Вале барои ғояҳо вақти озод, оромӣ ва равшании ақл даркор аст.

Агар ту ҳамеша бо коре банд бошӣ, ғояҳои нав намешаванд. Бинобар ин, ман барои вай озодии пурраро фароҳам овардам, то ки вай фикр карда тавонад.

Журналист худдорӣ карда натавонист ва қарсак зад.

Генри Форд як ҳақиқати оддиро хеле хуб фаҳмонд. Дастовардҳои бузург натиҷаи шуғли доимӣ нестанд, балки самари ақли озод мебошанд.

***

Лидерҳои имрӯза низ инро тасдиқ мекунанд.

Уоррен Баффет ҳар рӯз беш аз 4 соат мутолиа мекунад.

Билл Гейтс ҳар ҳафта 2-то китоб мехонад. Ҳар ду дар як сол наздик ба 80-то китоб мутолиа мекунанд. Мошинро худашон меронанд, дар навбат барои қаҳва меистанд ва бисёр фикр мекунанд.

Вақте ки ақл озод аст, ғояҳое тавлид мешаванд, ки метавонанд дунёро тағйир диҳанд.

Агар ба бузургӣ муваффақ шудан хоҳӣ, худро аз чизҳои майда озод намо.

Ба худ барои сукунат фазо, андеша ва илҳом деҳ. Ғояҳои беҳтарин дар ғалоғула не, дар хомӯшӣ тавлид мешаванд.

Тарҷумаи **Мирзо МАСЪУЛ**

Овози Самарқанд

МУАССИСОН:
Шӯрои намояндагони халқ ва ҳокимияти вилояти Самарқанд
Ovozi Samarqand - xalq deputatlari Samarqand viloyat Kengashi va viloyat hokimligining gazetasi

Сармуҳаррир
Баҳодур РАҲМОНОВ

Рӯзнома дар Садорати матбуот ва ахбори вилояти Самарқанд 2-юми июли соли 2012 таҳти рақами 09-04 ба қайд гирифта шудааст.

Рӯзнома ҳафтае як маротиба: рӯзи панҷшанбе чоп мешавад.

Индекси обуна **419**
Рақами нашр **250**
Адади нашр **3535**
Супориши **479**
Ба чопаш соати **21:00. 15.10.2025** имзо шуд.

ⓣ -мақолаи тиҷоратӣ

Рӯзнома дар маркази компутерии «Овози Самарқанд» саҳифабандӣ ва дар ҶММ «Ношир Люкс» чоп шудааст. Сифати чоп бар ӯҳдаи матбаа аст. Манзили матбаа: шаҳри Самарқанд, кӯчаи Спитамен, 270.



НИШОНИИ МО:
140100. Шаҳри Самарқанд, кӯчаи У. Турсунов, 80.
Телефонҳо:
Қабулхона: 233-91-71, Ҷонишини сармуҳаррир: 233-91-70, Шӯъбаи реклама ва эълонҳо: 233-91-72.
E-mail: ovozisamarqand@umail.uz.

Муҳаррири навбатдор
Бахтиёр ҶУМЪАЕВ

Навбатдор
Шаҳзод КЕНҶАЕВ

Саҳифабанд
Сироҷ РАҶАБОВ

ISSN 2010-6688

Дар фурӯш нархаш озод.